***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи «Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)***

Мактабу маориф дар ҳар давру замон ҳамчун омили асосии баланд бардоштани сармояи инсонӣ эътироф шуда, аз ин рӯ, муҳиммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсионии мазкур бебаҳс мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот таҳлилу баррасии вазъи рушди маорифи Вилояти Хатлон дар арафа ва замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот бой буда, дар он доираи васеи ҳуҷҷатҳо, аз бойгониҳои ҷории кумитаҳои иҷроияи ноҳияҳои ҳавзаи Кӯлоб истифода бурда шудаанд. Ғайр аз ин, дар кор аз маводи сомонаҳои расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати маорифи вилояти Хатлон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истифода гардидааст.

Навгонии кори диссертатсионии мазкур аз он иборат мебошад, ки бори аввал дар илми таърихи ватанӣ масъалаҳои рушди маорифи Вилояти Хатлон дар арафа ва замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври алоҳида ва муфассал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар бахши асосии диссертатсия ҷанбаҳои асосии рушди мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб дар охири солҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, дар шароити тағйирёбии сохти иҷтимоию сиёсии солҳои 90-ум ва таъсири он ба мактабу маорифи минтақа, инчунин вазъи рушди соҳаи мазкур дар ибтидои асри XIX таҳлил гардидааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва

предмети таҳқиқот, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст.

Аз мазмуни автореферат муайян мегардад, ки дар маҷмӯъ, дар навишти диссертатсия муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро намояд.

Хулоса, диссертатсия мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи «Рущди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)» ба анҷом расида ҳисобида шуда, он ба бандҳои асосии «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Мудири кафедраи таърихи
халқи тоҷики
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
номзади илмҳои таърих,
дотсент **Сайнаков Сайнак Парпишоевич**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
тел.: + 992 934162099; E-mail: saynakov2012@mail.ru

Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ **Абдукарим Мустафозода**

«20» январи с. 2023